*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №150 (4890) | ДУШАНБЕ, 16 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ПРЕЗИДЕНТИ КМОТ ИНТИХОБ ШУДАНД

**13-уми декабри соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нав Президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон интихоб шуданд. Дар ин хусус аз Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.**

Номзадии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории Ҷаласаи ҳисоботӣ-интихоботии 24-уми Ассамблеяи генералии Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз ҷониби 30 федератсияи варзишии аъзои Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон пешбарӣ гардида, якдилона пазируфта шуд.

Таъкид гардид, ки саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ҳаракати олимпӣ ва дастгирии варзишгарон беназир буда, маҳз бо дастгирӣ ва дастуру ҳидоятҳои Ҷаноби Олӣ дар чаҳорчӯбаи сиёсати варзишпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ 11 ҳазор иншооти варзиш, аз ҷумла 126 варзишгоҳ, 7601 майдончаи варзиш, 2251 толори варзиш, 97 ҳавзи шиноварӣ, 88 маҷмаа ва марказҳои солимгардонӣ, бошгоҳҳои варзиш ва 771 иншооти махсуси варзиш, бунёд ёфтааст.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, Зулфиқор Гулаҳмадзода (ноиби якуми раиси Федератсияи тенниси Тоҷикистон) ва Дилшод Назаров (раиси Федератсияи варзиши сабуки Тоҷикистон) ноибони Президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, Муҳаммадшо Абдуллозода (котиби генералии Федератсияи шиновории Тоҷикистон) котиби генералӣ, Исмоили Маҳмадзоир (раиси Федератсияи ҷудои Тоҷикистон), Муҳаммад Мирзоалӣ (директори генералии Федератсияи лижаронии Тоҷикистон), Саодат Носирова (котиби генералии Федератсияи намудҳои варзиши гимнастикаи Тоҷикистон), Нурулло Лоиқов (мушовири раиси Федератсияи тенниси рӯи мизи Тоҷикистон) ва Мунира Абдусаломова (намояндаи комиссияи варзишгарон) аъзои Кумитаи иҷроияи Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2025-2028 интихоб гардида, нақшаҳои стратегӣ, кор ва буҷети кумита барои соли 2025 тасдиқ шуданд.

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025



**Моддаи 1. Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 49582169 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо 35476300 ҳазор сомонӣ, аз он:

а) воридоти андозӣ - 31816249 ҳазор сомонӣ;

б) воридоти ғайриандозӣ - 2468051 ҳазор сомонӣ;

в) грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 1192000 ҳазор сомонӣ;

2) аз ҳисоби грантҳо ва қарзҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ - 11177198 ҳазор сомонӣ,

аз он:

а) қарзҳо - 4460406 ҳазор сомонӣ;

б) грантҳо - 6716792 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ - 2928671 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 2. Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба маблағи 51591423 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла барои маблағгузории:

1) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 2205907 ҳазор сомонӣ;

2) мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тартиботи ҳуқуқӣ ва судҳо - 4724067 ҳазор сомонӣ;

3) маориф - 10909496 ҳазор сомонӣ;

4) тандурустӣ - 4329105 ҳазор сомонӣ;

5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 6962188 ҳазор сомонӣ;

6) фарҳанг ва варзиш - 1718770 ҳазор сомонӣ;

7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал - 1871754 ҳазор сомонӣ;

8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 8406139 ҳазор сомонӣ;

9) соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор - 1426896 ҳазор сомонӣ;

10) саноат ва сохтмон - 337140 ҳазор сомонӣ;

11) нақлиёт ва коммуникатсия - 2993885 ҳазор сомонӣ;

12) соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва хизматрасонӣ - 140544 ҳазор сомонӣ;

13) хароҷоти дигар - 5565532 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 3. Ҳаҷми умумии касри буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани он**

1. Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба андозаи 1,2 дарсади Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 2009254 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Манбаъҳои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ ба таври зерин муайян карда шаванд:

1) аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 50000 ҳазор сомонӣ;

2) аз фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ - 415000 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 - 100000 ҳазор сомонӣ;

4) иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ - 500000 ҳазор сомонӣ;

5) аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 805350 ҳазор сомонӣ;

6) сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ - 50000 ҳазор сомонӣ;

7) иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 - 88904 ҳазор сомонӣ.

3. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 4405387 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ 3005042 ҳазор сомонӣ ва баргардонидани қарзи асосӣ аз рӯйи уҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзии соли 2025 ба маблағи 1400345 ҳазор сомонӣ (бо дарназардошти уҳдадориҳои қарзии солҳои қаблӣ) аз ҳисоби ташкилотҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» - 1237019 ҳазор сомонӣ;

2) Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» - 16000 ҳазор сомонӣ;

3) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» - 6000 ҳазор сомонӣ;

4) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ» - 10259 ҳазор сомонӣ;

5) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» - 28412 ҳазор сомонӣ;

6) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 54827 ҳазор сомонӣ;

7) Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» - 47828 ҳазор сомонӣ.

4. Маблағгузории хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 499100 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 178700 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби даромадҳои депозитии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон ва фурӯшу иҷораи молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи собиқ ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк» 320400 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ - ПРЕЗИДЕНТИ НАВИ ФФТ

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муҳлати чор соли дигар Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон интихоб шуданд, хабар медиҳад Федератсияи футболи Тоҷикистон.**

14-уми декабри соли равон дар шаҳри Душанбе Конгресси ҳисоботӣ-интихоботии Федератсияи футболи Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он Рустами Эмомалӣ то соли 2028 ба вазифаи Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон интихоб шуд.

Хуршед Мирзо ноиби якум, Алишер Урунов, Сайвалӣ Дониёрзода ва Искандар Ҷалилов ноибони Президенти Федератсияи футболи мамлакат интихоб шуданд.

Дар конгресс ҳайати нави кумитаи иҷроияи Федератсияи футболи Тоҷикистон низ интихоб шуд. Ба ҳайати нав ба ҷуз аз президент ва чаҳор муовин, инчунин, Шоҳрух Саидзода, Зулфиқор Гулаҳмадзода, Раҷаббой Аҳмадзода, Давлаталӣ Саид, Аҳтам Абдуллозода, Дилшод Ҷӯразода, Фарҳод Расулзода, Нурҷаҳон Исмоилзода, Зайнулло Шарифзода, Лутфия Абдулхолиқзода, Ҳусейн Халилзода ва Фарҳод Мирзоев дохиланд.

Дар конгресс, ҳамчунин, гузориш дар бораи фаъолияти молиявии Федератсияи футболи Тоҷикистон дар соли 2023, буҷаи созмон барои соли 2025, гузориши аудитори мустақил дар бораи фаъолияти молиявию иқтисодии Федератсияи футболи мамлакат дар соли 2023 баррасӣ ва тасдиқ гардида, аудитори мустақили фаъолияти молиявию иқтисодии Федератсияи футболи Тоҷикистон барои солҳои 2025-2026 таъин карда шуд.

Дар кори Конгресси ҳисоботӣ-интихоботии Федератсияи футболи Тоҷикистон намояндагони Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА) ва Конфедератсияи футболи Осиё низ иштирок доштанд.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**





## ДУШАНБЕ. ОМОДАГӢ БА ИНТИХОБОТ ДАР МАДДИ АВВАЛ

**Даҳуми декабри соли 2024 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи ғайринавбатии бистуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе бо роҳбарии Раиси Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ доир гардид.**

Дар кори иҷлосия муовинон, роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳр, роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳ, корхонаю муассисаҳои шаҳрӣ, раисони ноҳияҳои шаҳр, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Бо назардошти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2024, таҳти №882 «Дар бораи таъини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» рӯзномаи иҷлосия таҳия гардида, ба он масъалаҳо дар бораи муқаррар намудани шумораи ҳавзаҳои интихоботӣ барои интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ва таъсис додани комиссияи шаҳрии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе ворид карда шуд.

Бо баррасии масъалаҳо иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе қарор кард, ки шумораи ҳавзаҳои интихоботӣ барои интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе дар доираи 70 (ҳафтод) адад муқаррар карда шавад.

Ҳамчунин, дар иҷлосия комиссияи шаҳрии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе дар ҳайати 9 нафар таъсис дода шуд.

Раиси шаҳри Душанбе таваҷҷуҳи вакилони халқ, раисони ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрӣ ва дигар сохторҳои дахлдорро барои дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гардидани ин маъракаи сиёсӣ ҷалб намуда, баҳри таъмини бехатарию тартиботи ҷамъиятӣ, иштироки фаъоли интихобкунандагон, тозаю озода нигоҳ доштани шаҳр ва ба таври муносиб инъикос намудани рафти баргузории интихобот дастуру супоришҳои судманд доданд.

Аз рӯи ҳамаи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**www.dushanbe.tj**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Шонздаҳуми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шурои Маҷлиси намояндагон баргузор гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти органикӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» баррасӣ ва ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Вобаста ба масъала «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» қарори дахлдори шуро қабул шуд.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардиданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025

(Идома аз саҳ. 1)

**Моддаи 4. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Ҳаҷми умумии буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи даромад 21091186 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот 23011535 ҳазор сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 1920349 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5. Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи манбаъҳои даромад**

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 21091186 ҳазор сомонӣ аз рӯйи манбаъҳои зерин муқаррар карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда - 11204779 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) андоз аз арзиши иловашуда (дохилӣ) - 3287579 ҳазор сомонӣ;
б) андоз аз арзиши иловашуда (беруна) - 7917200 ҳазор сомонӣ;
2) аксизҳо - 1148300 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) аксизҳо (дохилӣ) - 279000 ҳазор сомонӣ;
б) аксизҳо (беруна) - 869300 ҳазор сомонӣ;
3) андоз аз фурӯш - 33371 ҳазор сомонӣ;
4) андоз барои захираҳои табиӣ - 464903 ҳазор сомонӣ;
5) андоз аз даромад - 3273491 ҳазор сомонӣ;
6) боҷҳои гумрукӣ - 1448600 ҳазор сомонӣ;
7) даромадҳои дигари ғайриандозӣ - 2325742 ҳазор сомонӣ;
8) грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 1192000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 6. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ**

Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии вазифавӣ дар ҳаҷми зерин тасдиқ карда шавад:

1) маблағгузории бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 1316609 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) мақомоти иҷроия ва қонунгузорӣ - 310515 ҳазор сомонӣ;
б) сиёсати молиявӣ ва андозию буҷетӣ - 185271 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти сиёсати берунӣ - 401115 ҳазор сомонӣ;
г) мақомоти дигари давлатӣ - 419708 ҳазор сомонӣ;
2) мудофиа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо ва прокуратура - 4106360 ҳазор сомонӣ;
3) маориф - 2362911 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) таҳсилоти умумӣ - 333529 ҳазор сомонӣ;
б) таҳсилоти касбӣ - 1360763 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти дигар дар соҳаи маориф - 668619 ҳазор сомонӣ;
4) тандурустӣ - 717198 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) беморхонаҳо - 363997 ҳазор сомонӣ;
б) марказҳои саломатӣ - 14979 ҳазор сомонӣ;
в) хифзи саломатии аҳолӣ - 110656 ҳазор сомонӣ;
г) фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ - 227566 ҳазор сомонӣ;
5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 1084485 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) суғуртаи иҷтимоӣ - 818894 ҳазор сомонӣ;
б) ҳифзи иҷтимоӣ - 115861 ҳазор сомонӣ;
в) фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 149730 ҳазор сомонӣ;
6) фарҳанг ва варзиш - 861511 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - 26596 ҳазор сомонӣ;
б) муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ - 190502 ҳазор сомонӣ;
в) воситаҳои ахбори омма - 358771 ҳазор сомонӣ;
г) фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш - 285642 ҳазор сомонӣ;
7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал - 170459 ҳазор сомонӣ;
8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 2907143 ҳазор сомонӣ;
9) кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор - 286499 ҳазор сомонӣ;
10) саноат ва сохтмон - 329690 ҳазор сомонӣ;
11) нақлиёт ва коммуникатсия - 320462 ҳазор сомонӣ;
12) фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ - 142854 ҳазор сомонӣ;
13) хароҷоте, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудааст - 8405354 ҳазор сомонӣ,
аз ҷумла:
а) амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии давлатӣ - 4155636 ҳазор сомонӣ,
аз он:
- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии дохилии давлатӣ - 178700 ҳазор сомонӣ;
- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии берунаи давлатӣ - 3976936 ҳазор сомонӣ;
б) хароҷоти шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани вазифаҳои пойтахт - 40000 ҳазор сомонӣ;
в) фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 171422 ҳазор сомонӣ;
г) хароҷоти дигаре, ки аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт гурӯҳбандӣ нашудааст - 4038296 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 7. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии идоравӣ ва барномавӣ**

2. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ тибқи замимаи 2 тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 8. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ**

Хароҷоти вазорату идораҳо, ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар ҳаҷми 23011535 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) пардохти музди меҳнат - 4471679 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) музди меҳнати кормандони асосӣ - 4180149 ҳазор сомонӣ;
б) музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ - 291530 ҳазор сомонӣ;
2) маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ - 625435 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони асосӣ - 539540 ҳазор сомонӣ;
б) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ - 72901 ҳазор сомонӣ;
в) суғуртаи тиббӣ ва суғуртаҳои дигар - 12994 ҳазор сомонӣ;
3) хариди мол ва хизматрасонӣ - 4751450 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) пардохти хизматрасонии коммуналӣ - 315659 ҳазор сомонӣ;
б) пардохти хизматрасонии алоқа - 216026 ҳазор сомонӣ;
в) хариди мол ва хизматрасонии дигар - 4219765 ҳазор сомонӣ;
4) хизматрасонии қарзҳои дохилӣ ва беруна - 4049636 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) пардохти фоизҳои қарзи дохилӣ - 72700 ҳазор сомонӣ;
б) пардохти қарзи берунаи асосӣ - 3005042 ҳазор сомонӣ;
в) пардохти фоизҳои қарзи берунаи асосӣ - 971894 ҳазор сомонӣ;
5) хароҷоти пардохти кумакпулиҳо (субсидияҳо) - 194081 ҳазор сомонӣ;
6) хароҷот барои трансфертҳо - 3089323 ҳазор сомонӣ;
7) кумакпулиҳои иҷтимоӣ - 375323 ҳазор сомонӣ;
8) трансфертҳои дигар - 817670 ҳазор сомонӣ;
9) амалиёт бо дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоягузорӣ - 4636938 ҳазор сомонӣ,
аз он:
а) маблағгузории асосии мутамарказ - 4061130 ҳазор сомонӣ;
б) хариди мошинҳо ва таҷҳизот - 283573 ҳазор сомонӣ;
в) дороиҳои ғайримолиявии дигар - 160000 ҳазор сомонӣ;
г) хариди дороиҳои молиявии дохилӣ - 26235 ҳазор сомонӣ;
ғ) пардохти қарзҳо ва ссудаҳо - 106000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 9. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба маблағи 685686 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 10. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудошаванда**

1. Ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пардохти фонди музди меҳнат ба маблағи 2898663 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои:

1) Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 409009 ҳазор сомонӣ;
2) вилояти Хатлон - 1743831 ҳазор сомонӣ;
3) ноҳияи Варзоб - 39497 ҳазор сомонӣ;
4) ноҳияи Рашт - 105637 ҳазор сомонӣ;
5) шаҳри Ҳисор - 61028 ҳазор сомонӣ;
6) ноҳияи Лахш - 75770 ҳазор сомонӣ;
7) ноҳияи Нуробод - 78282 ҳазор сомонӣ;
8) ноҳияи Рӯдакӣ - 130572 ҳазор сомонӣ;
9) ноҳияи Сангвор - 30908 ҳазор сомонӣ;
10) ноҳияи Тоҷикобод - 53484 ҳазор сомонӣ;
11) ноҳияи Файзобод - 96344 ҳазор сомонӣ;
12) ноҳияи Шаҳринав - 74301 ҳазор сомонӣ.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ба фондҳои мақсадноки давлатӣ ба буҷети вилоятии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои мазкур ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳар моҳ мустақиман аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба суратҳисоби алоҳидаи буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда шуда, хароҷоти он тавассути суратҳисоби мазкур анҷом дода шавад.

**Моддаи 11. Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ**

Маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2026 ба маблағи 362174 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 12. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ**

1. Ҳаҷми умумии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи даромад бо дарназардошти мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад, ба маблағи 14666777 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 14755681 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 88904 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 7476 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 53974 ҳазор сомонӣ, шаҳри Ваҳдат 4808 ҳазор сомонӣ, шаҳри Турсунзода 3876 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 1228 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт 1881 ҳазор сомонӣ, шаҳри Ҳисор 4133 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Лахш 1160 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нуробод 1153 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рӯдакӣ 4692 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Сангвор 616 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод 798 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 1574 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 1535 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

2. Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 ва таъмини иҷрои барзиёди даромад пӯшонида мешавад.

**Моддаи 13. Таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

1. Дар соли 2025 ба буҷети ҷумҳуриявӣ даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии зерин ворид карда шаванд:

1) андоз аз фурӯши алюминийи аввалия - 100 дарсад;
2) боҷҳои гумрукӣ - 100 дарсад;
3) андоз аз арзиши иловашуда ва аксизи беруна - 100 дарсад;
4) дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (бо дарназардошти муҷозоти молиявӣ), хироҷ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон - 100 дарсад;
5) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, инчунин андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) - 100 дарсад;
6) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» - андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) - 100 дарсад;
7) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - андоз аз арзиши иловашуда - 50 дарсад;
8) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун» - андоз аз арзиши иловашуда ва андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) - 100 дарсад;
9) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» - андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ - 100 дарсад;
10) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» - андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ - 100 дарсад;
11) аз муассисаҳои давлатии марказ ва гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда - андоз аз даромади шахсони воқеӣ - 100 дарсад;
12) аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ (ба истиснои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком») - андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз - 100 дарсад;
13) аз Бонки миллии Тоҷикистон - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоидаи боқимондаи баъди тасдиқи ҳисоботи соли 2024 - 100 дарсад;
14) аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Тоҷикистону Америка «Корхонаи муштараки Анзоб», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳии саноатии Тоҷикистону Хитой», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Корхонаи муштараки «Зарафшон», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пакрут», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати металлургии Анзоб» ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Талко Голд» - андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ - 50 дарсад;
15) пардохти бонуси обунавии яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҳисоби истихроҷи маъданҳои фоиданок (ба ғайр аз канданиҳои фоиданоки маъмулӣ, обҳои зеризаминӣ ва лойи табобатӣ) - 100 дарсад;
16) аз ҳисоби андозҳо барои захираҳои табиӣ (рентаи содиротӣ) - 50 дарсад;

2. Ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мегарданд, дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯйи таносуби зерин тасдиқ карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе ва Роғун) - 100 дарсад;
б) аз вилояти Суғд 50 дарсад ба буҷети вилоят ва 50 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Душанбе 50 дарсад ба буҷети шаҳр ва 50 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
г) аз шаҳри Роғун 50 дарсад ба буҷети шаҳр ва 50 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
2) андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Роғун) - 100 дарсад;
б) аз вилояти Суғд 57 дарсад ба буҷети вилоят ва 43 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Роғун 44 дарсад ба буҷети шаҳр ва 56 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
3) андоз аз даромади шахсони воқеӣ:
а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе) - 100 дарсад;
б) аз вилояти Суғд 57 дарсад ба буҷети вилоят ва 43 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
в) аз шаҳри Душанбе 43 дарсад ба буҷети шаҳр ва 57 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ;
4) аксизҳои дохилӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо - 100 дарсад;
5) андозҳои маҳаллӣ, боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти ғайриандозии маҳаллии дигар ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо - 100 дарсад.

3. Тақсимоти маблағҳои аз нақша барзиёд воридшудаи даромади буҷети дахлдор дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз рӯйи таносуби муқарраршуда бо намуди андозҳо ва пардохтҳо амалӣ карда мешавад.

4. Маблағҳои андозӣ ва ғайриандозӣ, ки таъиноти онҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ карда шудааст, набояд ба сатҳи дигари буҷет гирифта шаванд.

5. Гузаронидани маблағи як намуди андоз ба дигар намуди андоз берун аз таъинот, инчунин анҷом додани амалиёти пардохти андозҳои танзимшаванда ба буҷетҳои дахлдор бидуни гузаронидани амалиёт тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

6. Воридот ва тақсимоти андозҳои танзимшаванда байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ қатъиян тавассути суратҳисобҳои танзимкунандаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

7. Новобаста ба тағйир ёфтани маҳалли фаъолияти андозсупоранда, ҷиҳати иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлатӣ ва чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ, пардохти ӯҳдадориҳои андозии чунин андозсупоранда то охири соли молиявӣ дар маҳалли қаблан бақайдгирифташуда ё маҳалли фаъолият анҷом дода шавад.

8. Пардохти андозҳои умумидавлатӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, ки дар онҳо воҳидҳои алоҳидаи андозсупоранда (рамзҳои сабаби ба ҳисоб гузоштан) ба қайд гирифта нашудааст, манъ аст.

**Моддаи 14. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа**

1. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2025 аз рӯйи даромад ба маблағи 5557594 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 5526794 ҳазор сомонӣ ва мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 30800 ҳазор сомонӣ ва хароҷот ба маблағи 5557594 ҳазор сомонӣ мувофиқи замимаи 3 тасдиқ карда шавад.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳолате ҷудо карда мешавад, агар даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа талаботи воқеии пардохти нафақа ва кумакпулиҳоро пурра таъмин карда натавонад.

3. Даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, хароҷоти он барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад, мувофиқи замимаи 4 тасдиқ карда шавад.

4. Ҳиссаҷудокуниҳо аз андози иҷтимоӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешаванд, барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз рӯйи таносуб (фоизҳо)-и зерин тасдиқ карда шаванд:

1) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 100 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2) дар шаҳри Душанбе 40,3 дарсад ба суратҳисоби раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва 59,7 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3) дар шаҳри Роғун 35,9 дарсад ба суратҳисоби шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Роғун ва 64,1 дарсад ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои дигари тобеи ҷумҳурӣ 100 дарсад ба суратҳисоби раёсатҳо ва шуъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Муқаррароти андозию гумрукӣ ва имтиёзҳои алоҳида барои ташкилотҳо дар соли 2025**

1. Андоз аз арзиши иловашуда барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридоти гандум, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин фурӯши равғани растанӣ барои корхонаҳои коркарди равған бо меъёри 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) бо меъёри 7 дарсад муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ) барои фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда, аз ҷумла маҳсулоти макаронии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда, инчунин барои коркарди равғани растанӣ ва фурӯши он пардохта шудааст, наметавонад аз 10 дарсад ва барои фурӯши бақияи коркарди зироатҳои равғанидиҳанда (кунҷора, шрот-хӯроки паранда ва чорво) 7 дарсад зиёд бошад. Муқаррароти мазкур ба имтиёзҳои пешбининамудаи сархати сездаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегарданд.

2. Воридоти техника, воситаҳои нақлиёти махсус ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, автобусҳо, ки номгӯй ва миқдори онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети шаҳри Душанбе барои пурра намудани парки нақлиёти мусофиркашонӣ ва беҳтар гардонидани таъминоти соҳаи алоҳидаи шаҳри Душанбе харидорӣ мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

3. Воридоти қувваи барқ ба ҷумҳурӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешавад.

4. Корхонаи воҳиди давлатӣ «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» ҳангоми фурӯши молҳои озуқаворӣ, инчунин воридоти маҳсулоте, ки номгӯйи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

5. Воридоти мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и шаҳри Душанбе, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

6. Иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгар ва паймонкори асосии сохтмонҳои зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд: меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, сохтмони маҷмааи бинои бисёрфунксионалӣ барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар хиёбони Исмоили Сомонии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, сохтмони Театри миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, сохтмони варзишгоҳ барои 30000 ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе, сохтмони бинои нави Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтмони Маркази таълимии байналмилалӣ барои кӯдакони болаёқат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хиёбони Нусратулло Махсуми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, сохтмони мактабҳо барои 1200 ҷойи нишаст дар маҳаллаи Чордаҳи шаҳри Ваҳдат, барои 1200 ҷойи нишаст дар деҳаи Элоки ноҳияи Файзобод, сохтмони бинои иловагӣ барои 144 ҷойи нишаст дар назди Муассисаи таълимии №16 деҳаи Оби Ширини деҳоти Кангурти ноҳияи Темурмалик ва бинои иловагӣ барои 144 ҷойи нишаст дар деҳаи Меҳтари деҳоти Оқсӯи ноҳияи Данғара.

7. Воридоти мол аз ҷониби фармоишгарон ва паймонкорони асосии сохтмони иншооти дар қисми 6 моддаи мазкур пешбинишуда, ба истиснои сохтмони варзишгоҳ барои 30000 ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе ва Театри миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, тибқи номгӯй ва дар ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

8. Ба ӯҳдадориҳои қарзии андозҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун», ки аз ҳисоби таҳвили қувваи барқ ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба вуҷуд омадаанд, фоизҳо тибқи моддаи 139 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳисоб карда намешаванд.

9. Федератсияи футболи Тоҷикистон, воҳидҳои зертобеи он ва клубҳои футболи Тоҷикистон аз пардохти 50 дарсади меъёри муқарраршудаи андозҳо аз молу мулк, инчунин мураббиёну бозингароне, ки аз хориҷи кишвар барои рушди фаъолияти Федератсия ва клубҳои футбол ҷалб карда мешаванд, аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, воридоти молу масолеҳи варзишӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

10. Воридоти бланкҳои шиносномаҳои дорои ҳомили электронии иттилоот, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷу хироҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

11. Воридоти тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита, элита ва репродуксияи якум, тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, гулу буттаҳои ороишӣ, дарахтони ороишӣ ва мевадиҳанда, чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

12. Иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз тарафи намояндаи фармоишгар - консорсиуми «Tractebel Engineering S.A.» (филиали «Tractebel Engineering S.A.» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) оид ба сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун, ки тибқи шартномаи дутарафа амалӣ мешавад, аз пардохти андоз аз фоида ва андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин иҷрои кор ва хизматрасонии паймонкорони фаръии консорсиум аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда озод карда мешаванд.

14. Маҳсулоти озуқа, нуриҳои минералӣ, сӯзишвории дизелӣ ва бензин, ки аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули захираҳои давлатӣ дар соли 2025 тибқи номгӯй ва ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

15. Воридоти дарахтони сояафкан, ҳамешасабз ва ороишӣ барои шинонидан дар боғҳо ва кӯчаву хиёбонҳои пойтахт, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллии шаҳри Душанбе харидорӣ шуда, номгӯй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

16. Воридоти битуми тамғаи ДНД 60/90 барои Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳсоз»-и шаҳри Душанбе, ки ҳаҷми он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад.

17. Сохтмон ва фаъолияти филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе аз пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андози замин ва кормандони хориҷии он аз андози иҷтимоӣ ба андозаи 50 дарсади меъёри муқарраршуда, инчунин таҷҳизот ва молҳое, ки барои сохтмон, муҷаҳҳазгардонӣ ва фаъолияти филиали Донишкадаи мазкур ва барои сохтмон, муҷаҳҳазгардонии бинои бисёрфунксионалии «Маркази савдову хизматрасонӣ ва фароғатӣ» дар кӯчаи Титови шаҳри Душанбе, сохтмони муассисаи замонавии тандурустии бисёрфунксионалӣ дар кӯчаи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе ворид карда мешаванд, аз 50 дарсади меъёри муқарраршудаи андоз аз арзиши иловашуда ва аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.

**Моддаи 16. Ҳиссагузорӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби иҷрои барзиёди даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди нақшаи қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва буҷети тасдиқшудаи ҷумҳуриявӣ 25 дарсад баъд аз пӯшонидани касри буҷет, ки дар қисми 1 моддаи 3 Қонуни мазкур муқаррар карда шудааст, ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт равона карда мешавад.

**Моддаи 17. Муқаррарот оид ба амонатгузории маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар бонкҳо**

Бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 ба вуҷуд меоянд, ҳамчун амонат бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи кутоҳмуҳлат дар давоми соли буҷетӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 18. Соҳаҳо ва моддаҳои ҳимояшавандаи буҷети давлатӣ**

1. Соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ соҳаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ мебошанд ва азнавтақсимкунии маблағҳо байни соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ба соҳаҳои дигар қатъиян манъ аст.

2. Ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷоти буҷет музди меҳнат, маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ, маблағгузории сарикасӣ ва пардохти хизматрасонии коммуналӣ дохил карда шаванд.

3. Ҳангоми мавҷуд будани сарфа ва набудани қарз аз рӯйи моддаҳои дахлдори хароҷот, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии он ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо тартиби муқарраргардида ба нақшаи тасдиқшудаи моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намоянд.

**Моддаи 19. Пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ва муқаррарот оид ба хароҷоти маблағҳои махсус**

1. Аз ҳисоби воридоти маблағҳои махсуси ташкилотҳо пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдор ба андозаи зерин муқаррар карда мешаванд:

1) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 65 дарсад;
2) Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт - 40 дарсад;
3) муассисаҳои томактабӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ - 1 дарсад, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дастгоҳҳои марказии вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5 дарсад, муассисаҳои дигари соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва дастгоҳҳои марказии вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10 дарсад;

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025

**(Идома аз саҳ. 2)**

4) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастгоҳҳои марказӣ ва мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 15 дарсад;

5) ташкилотҳои дигари буҷетӣ - 20 дарсад.

2. Аз маблағҳои грантӣ, сарпарастӣ, ҳиссаҷудокунии маблағҳои махсуси гирандагони маблағҳои буҷетӣ ба тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, кумакҳои молиявӣ, маблағҳои махсуси муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии таҷрибавӣ, ки аз 1 январи соли 2025 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2024, №438 ба механизми нави маблағгузорӣ гузаштаанд, маблағҳои махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар, фонди иҷораи китобҳои дарсӣ, маблағҳои мақсадноки супоришӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъватии сафарбарӣ, маблағҳои аз ҳисоби хироҷ барои додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти мазкур ситонида намешавад.

3. Пардохти ҳатмӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳар семоҳа то санаи 15 баъди давраи ҳисоботӣ гузаронида мешавад.

4. Истифодаи маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ, берун аз низоми хазинадорӣ қатъиян манъ аст. Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти мазкур, маблағҳои ошкоргардида пурра ба даромади буҷети дахлдор ситонида мешаванд.

5. Маблағҳои ба суратҳисоби махсуси ташкилотҳои буҷетӣ дар бонкҳо аз ҳисоби хизматрасониҳои музднок воридгардида дар давоми 3 рӯзи корӣ пурра ба суратҳисоби Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад.

6. Дар сурати аз ҳаҷми солонаи маблағи дар буҷети давлатӣ тасдиқшуда кам ва ё зиёд ворид гардидани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он ба нақшаи ягонаи даромад ва хароҷоти онҳо ва ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

7. Дар ҳолати иҷро нагардидани қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2025 ва норасоии маблағ барои маблағгузории хароҷоти пешбинишуда, аз ҷумла пардохти музди меҳнат, барои истифодаи қувваи барқ, об ва хизматрасонии дигари коммуналӣ, пардохтҳои номбаршударо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус амалӣ менамоянд.

8. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби додани сертификат ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби истифодабарии захираҳои рақамгузорӣ 60 дарсади маблағро ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт менамоянд. Боқимонда 40 дарсади маблағи ба суратҳисоби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мегардад. Маблағҳои боқимондаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри он мононда шуда, тартиби дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда нисбати он татбиқ намегардад.

9. Маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасонии консулӣ (ба истиснои пардохт барои додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон)-и Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар ворид мегарданд, баъди пардохт мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба буҷети ҷумҳуриявӣ барои маблағгузории фаъолияти онҳо ва сохтмону таъмири биноҳои маъмурӣ равона карда мешаванд. Маблағҳои аз ҳисоби додани шиносномаҳои хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои маълумоти электронӣ мебошанд ва шиносномаҳои шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида пурра ба суратҳисоби андӯхтӣ гузаронида шуда, хароҷоти онҳо бо санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

10. Бақияи маблағҳои буҷетӣ ва махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 ба вуҷуд меояд, дар ҳаҷми маблағгузории хароҷоти буҷети соли молиявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

11. Дар ҳолати норасоии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарқияти он аз ҳисоби маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор пӯшонида мешавад.

**Моддаи 20. Суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ**

1. Воридот ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ ба андозаи 5 дарсад муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ;

2) аз ҳисоби маблағҳои махсуси:

а) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ;

б) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) Хадамоти шиносномавӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) ташкилотҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ғ) ташкилотҳои дигари буҷетӣ, ба истиснои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар.

2. Воридот аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 10 дарсад муқаррар карда шавад.

3. Ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ бо тартиби муқарраргардида тибқи дастурамали аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида амалӣ карда мешавад.

4. Хароҷоти маблағҳо аз суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳимми давлатӣ бо фармоишҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 21. Имтиёзҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

1. Имтиёзи рафтуомад ба маҳалли гузаронидани рухсатӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки барои хизматчиёни онҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имтиёз муқаррар гардидааст, танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар доираи маблағҳои пешбинигардида дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

3. Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати казармавӣ гузаронидани хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони мақомоти дигаре, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният иштирок мекунанд, дар доираи маблағи барои фонди музди меҳнат тибқи Қонуни мазкур дар нақшаи ягонаи даромад ва хароҷоти вазорату идораҳои дахлдор тасдиқшуда анҷом дода мешавад.

**Моддаи 22. Муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аз 1 январи соли 2025 барои ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 дарсади маблағҳои умумии пинҳонкардашуда (кам нишондодашуда)-и андоз, фоиз ва ҷарима аз рӯйи онҳо, ба истиснои андози иҷтимоӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва андозҳои маҳаллӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ ошкор гардидаанд, ҳар моҳ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80 дарсади хироҷи гумрукӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд.

2. Маблағҳо аз ҳисоби даромадҳои андозӣ, ба истиснои андозҳо ва низомҳои махсуси дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, бо тартиби марказонидашуда 100 дарсад ба буҷети ҷумҳуриявӣ бо намудҳои андоз ворид карда шуда, ҳиссаи онҳо мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои маблағгузории тадбирҳои пешбинишуда истифода мешаванд. Тартиби дар моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида нисбат ба онҳо татбиқ намегардад.

3. Маблағҳое, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, андозҳои маҳаллӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ ошкор гардидаанд, бо дарназардошти дарсад ва ҷарима аз рӯйи онҳо, аз рӯйи таъиноташон пурра ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

4. Пардохти андоз ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет аз рӯйи ҳар як намуди андоз ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ бо дарҷи таъйиноти он амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 23. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва андозбандии иҷорапулии молу мулк, ба истиснои объектҳое, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба иҷора дода мешаванд**

1. Аз 1 январи соли 2025 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 75 сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Ҳадди ақали иҷорапулии як метри мураббаи объектҳои ғайриманқул дар як моҳ бо дарсад аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо дарназардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ки дар қисми 2 моддаи 348 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ба андозаи зерин муқаррар карда шавад:

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун иншоот (биноҳо)-и истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода мешаванд - 20;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд - 30;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намудҳои хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд - 60;

- барои объектҳои ғайриманқуле, ки бо мақсади амалӣ намудани дигар намудҳои фаъолият истифода мешаванд - 45.

3. Вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии объектҳои ғайриманқули дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда коэффитсиентҳои зерини танзимкунанда пешбинӣ карда шаванд:

- ҳудуди кӯчаҳои марказӣ ва марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо - 1,0;

- ҳудуди шаҳраку деҳот - 0,8;

- мавзеъҳои дигари берун аз ҳудуди кӯчаҳои марказӣ, марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот - 0,6.

**Моддаи 24. Муқаррарот оид ба пардохти маблағ тибқи санадҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва пардохтҳои дигар ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррар карда шавад, ки пардохти ҷуброни зараре, ки аз тарафи кормандони мақомоти ҳокимият, идоракунии давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилоти дигари давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ расонида шудааст, аз ҳисоби маблағҳои нақшаи ягонаи даромад ва хароҷоти онҳо амалӣ карда мешавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки маблағҳои аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, фоиз, ҷубронпулӣ воридшуда ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешаванд.

3. Маблағи ҷуброни зарари молиявӣ (қоидавайронкунии молиявӣ), ки дар натиҷаи риоя накардани интизоми молиявӣ аз тарафи мақомоти назоративу санҷишӣ ошкор карда шудаанд, ба истиснои маблағҳои андозҳои ҳисобшуда, ба суратҳисоби алоҳидаи дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодашуда, бо рамзи мақоми дахлдор ворид карда мешаванд. Маблағҳои барқароркардашудаи зарари молиявӣ (қоидавайронкунии молиявӣ) танҳо маблағҳое эътироф мегарданд, ки ба суратҳисоби мазкури дар Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушодашуда ворид гардидаанд.

4. Маблағи ҷаримаҳо барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз зернизоми «Баҳисобгирии автоматикунонидашудаи вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳ» ситонидашаванда, ки 50 дарсади он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, дар давраи амали созишномаи сармоягузории дахлдор ба Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

5. Дар доираи созишномаи сармоягузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ширкати «RexGen Co.Ltd»-и Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ, ки 14 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, маблағи ҷаримаҳо барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз лоиҳаи «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайрокуниҳои ҳаракат дар роҳ дар нуқтаҳои истгоҳи нақлиёти маршрутӣ ва хатҳои махсуси ҳаракати барои воситаҳои нақлиёти маршрутӣ пешбинишуда, тавассути воситаҳои махсуси низоми худидоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар кӯчаву роҳҳои автомобилгарди шаҳри Душанбе» дар давраи амали созишнома ба суратҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

**Моддаи 25. Тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023**

1. Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 аз рӯйи даромад ба маблағи 43903429 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 41532612 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбат ба хароҷот ба маблағи 2370817 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Хароҷоти воқеии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 барои уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосии беруна, бо дарназардошти хизматрасонии он, ба маблағи 1776523 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 26. Муқаррарот оид ба ворид намудани тағйирот ба буҷети давлатӣ**

1. Дар ҳолати барзиёд ё кам иҷро гардидани қисми даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2025 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бе тағйир додани ҳаҷми касри буҷет тағйирот ворид намояд.

2. Бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (мол, кор ва хизматрасонӣ), сатҳи нархҳо, меъёри андоз, заминаи андозбандӣ, инчунин тағйирёбии сохтории ташкилотҳои буҷетӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисмҳои даромад аз рӯйи намуди андозҳо, низоми махсуси андозбандӣ, пардохтҳои ғайриандозӣ, сарчашмаҳои даромад ва моддаҳои хароҷоти дигари буҷетҳои дахлдор тағйироти зарурӣ ворид намуда, бо тартиби муқарраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳисоби байниҳамдигарӣ мегузаронад.

3. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ҳисобҳои байниҳамдигариро метавонанд байни буҷетҳои маҳаллии дахлдор амалӣ намоянд.

4. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тағйироти умумии қисми даромад ва хароҷоти солонаи буҷетҳои маҳаллиро дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2025 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 декабри соли 2024, №2115**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» қабул карда шавад.

2. Дурнамои нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ барои:

- соли 2026 аз рӯйи даромад ба маблағи 53422250 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 54922538 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 1500288 ҳазор сомонӣ ё 0,8 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

- соли 2027 аз рӯйи даромад ба маблағи 57626266 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 59315842 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 1689576 ҳазор сомонӣ ё 0,8 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ муайян карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат қарорҳоеро, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи хароҷоти буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 қабул намояд. Ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026» мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2027-2028 аниқ намояд.

4. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ назорати иҷрои буҷетро ба роҳ монда, истифодаи мақсадноку самарабахши маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2025 ба маблағи 49582169 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷот ба маблағи 51591423 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад дар ҳаҷми 2009254 ҳазор сомонӣ барои иҷро қабул намояд;

- маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишударо дар доираи маблағҳои тасдиқшуда мутаносибан ба даромади воқеӣ таъмин намояд;

- бо мақсади кам кардани бақияпулӣ аз рӯйи пардохти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоии солҳои гузашта, бо дарназардошти зарурати ихтисор кардани қарзи ташкилотҳои буҷетӣ аз корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки то 1 январи соли 2025 ба вуҷуд омадааст, инчунин қарзи ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯйи андозҳо, бо тартиби муқарраргардида бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет ҳисоббаробаркуниро байни онҳо гузаронад;

- оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ҳар се моҳ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;

- дар бораи истифодаи маблағҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма ҳар се моҳ аз рафти иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 маълумот диҳад.

6. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки пӯшондани касри буҷети ҷумҳуриявиро бо роҳи фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ, инчунин ҷалби грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон:

- якҷо бо Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» сари вақт ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ гузарондани андозу даромадҳоро таъмин намояд;

- аз рӯйи амалиёти вобаста ба хизматрасонии уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, иҷрои ҳисобу китоб ва пардохтҳоро оид ба уҳдадориҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- бо мақсади сари вақт иҷро кардани пардохтҳои асъории буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 мубодилаи маблағҳои буҷетиро ба асъори хориҷӣ мувофиқи дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи қурби расмии асъор таъмин намояд;

- барои тамдид намудани мӯҳлати пардохти қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то оғози соли навбатии молиявӣ шартномаи дахлдор ба имзо расонад.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №1487**



# ДАР СУҒД ТАЙЁРӢ БА ИНТИХОБОТ ШУРӮЪ ГАРДИД

**10-уми декабри соли 2024 иҷлосияи ғайринавбатии бисту якуми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд бо роҳбарии раиси Маҷлиси вакилони халқи вилоят Раҷаббой Аҳмадзода баргузор гардид.**

Вакилон масъалаҳои омодагӣ ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд, таъсиси комиссияи вилоятии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва теъдоди ҳавзаҳои ҳудудии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғдро баррасӣ карданд.

Тибқи қарори қабулшуда комиссияи вилоятии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд иборат аз 13 нафар таъсис ёфта, барои гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд 70 ҳавза ташкил хоҳад шуд.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

# ХАТЛОН. ТАСДИҚИ КОМИССИЯИ ВИЛОЯТИИ ИНТИХОБОТ



**Дувоздаҳуми декабри соли 2024 иҷлосияи бисту дуюми Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баргузор гардид.**

Аз рӯи масъалаи якум ҳисоботи раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид шунида шуд. Ӯ зикр кард, ки мониторинги ҷараёни татбиқшавии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025» ба ҳолати 1 декабри соли ҷорӣ нишон дод, ки дар 174 лоиҳа корҳо ба маблағи 5,2 миллиард сомонӣ иҷро гардида, азхудкунии маблағҳо 61,5 фоизи нишондиҳандаҳои пешбинишудаи панҷсоларо ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бошад, дар 11 моҳи соли ҷорӣ ба 35,6 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 9,6 банди фоизӣ ва ё 3,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Дар идомаи иҷлосия аз рӯи масъалаи дуюм ҳисоботи сардори Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар бораи иҷрои буҷети вилояти Хатлон дар соли 2023 ва тасдиқи буҷети вилоят барои соли 2025 шунида шуда, нақшаҳои кори Маҷлиси вакилони халқ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2025 муҳокима ва қабул гардиданд.

Ҳамчунин, масъалаҳои ташкил намудани комиссияи вилоятии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва ташкил кардани ҳавзаҳои интихоботӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳайати комиссияи вилоятии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва шумораи ҳавзаҳо тасдиқ карда шуд.

Дар фарҷом барои иштироки фаъолона дар самти фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва саҳми арзанда дар корҳои созандагию бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба як гурӯҳ вакилон ифтихорномаҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон супорида шуд.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

# ВМКБ. ИҶЛОСИЯИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ ДОИР ШУД



**13-уми декабри соли равон бо роҳбарии раиси Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот иҷлосияи бисту якуми Маҷлиси вакилони халқи вилоят баргузор шуд, ки дар он ду масъала мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Дар робита бо масъалаи якум роҳбари дастгоҳи раиси ВМКБ Ғуломнабӣ Собиров иброз дошт, ки дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми декабри соли 2024 «Дар бораи таъини интихоботи даъвати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», тибқи моддаи 7 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва бо назардошти таклифу пешниҳодҳо комиссияи вилоятӣ дар ҳайати 13 нафар таъсис дода шуд.

Вобаста ба ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ мудири шуъбаи ташкилии дастгоҳи раиси ВМКБ Гулмамад Гулмамадов иттилоъ дод, ки Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон теъдоди ҳавзаҳои интихоботиро тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти шумораи интихобкунандагон, ҳудуду шароити маҳал муқаррар намуд. Ҳамин тариқ, дар ҳудуди вилоят 66 ҳавзаи интихоботӣ ташкил гардида, аз ин 14 ҳавза дар ноҳияи Шуғнон, 11 дар шаҳри Хоруғ, 8 ҳавзаӣ дар ноҳияҳои Ишкошиму Рӯшон, 6 ҳавзаӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Роштқалъа, Мурғоб ва 7 ҳавза дар ноҳияи Ванҷ амал хоҳанд кард.

Дар иҷлосия вобаста ба масоили баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, Алишер Мирзонабот баҳри иҷрои фармони мазкур омодагии ҳамаҷониба ба маъракаи муҳими сиёсӣ ва дар сатҳи баланд баргузор намудани интихобот ба масъулин дастуру супориш дод.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426476 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Валик барои гирифтани изи ангушт ва қабатҳои полимерӣ барои сканери изи ангушт | Озмуни кушод | Мол | 2 | 17.12.2024 08:30:00 |
| 2 | 426493 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Таҷҳизоти техникӣ, техникаи маишӣ ва мебелҳо | Озмуни кушод | Мол | 8 | 17.12.2024 10:00:00 |
| 3 | 426491 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Зарфҳо ва лавозимот барои ошхона | Озмуни кушод | Мол | 13 | 17.12.2024 10:30:00 |
| 4 | 426471 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти техникии идоравӣ, веб-камераҳо ва сервер | Озмуни кушод | Мол | 5 | 18.12.2024 08:30:00 |
| 5 | 426485 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод | Ниҳоли гулҳо ва пиёзаки гули лола | Озмуни кушод | Мол | 2 | 18.12.2024 08:39:56 |
| 6 | 426487 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Масолеҳи сантехникӣ ва раххои равшанидиҳандаю прожекторҳо | Озмуни кушод | Мол | 35 | 18.12.2024 08:46:24 |
| 7 | 426495 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои маъмурии шуъбаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.12.2024 10:30:00 |
| 8 | 426496 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои маъмурии шуъбаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.12.2024 10:30:00 |
| 9 | 426503 | МД «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Хилъати тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 18.12.2024 12:00:00 |
| 10 | 426501 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Таҷҳизоти тиббӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 56 | 18.12.2024 16:59:59 |
| 11 | 426469 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳии вилояти Суғд дар шаҳри Исфара» | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 31.12.2024 17:50:50 |
| 12 | 426470 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Маводи чопӣ ва канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 31.12.2024 17:57:57 |
| 13 | 426472 | Беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи шаҳри Хуҷанд | Реактивҳо, тестҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 31.12.2024 18:05:05 |
| 14 | 426473 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оиди ташкили таоми нисфирӯзӣ ва шом барои иштирокчиёни мусобиқаи байналмилалӣ оид ба бокс байни калонсолон барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ 1010 нафар дар муддати 5 рӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 31.12.2024 18:30:00 |
| 15 | 426477 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба таъмини ҷои зисти меҳмонон бо хӯроки наҳорӣ барои иштирокчиёни мусобиқаи байналмилалӣ оид ба бокс барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 83 нафар дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд (ҳамагӣ 415 нафар-шабонарӯз) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 31.12.2024 18:40:00 |
| 16 | 426475 | Шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ | Идомаи сохтмони бинои маъмурии ҷамоати деҳоти Техарви ноҳияи Ванҷ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 31.12.2024 18:50:00 |
| 17 | 426479 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии вилояти Суғд»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири боми бинои Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии вилояти Суғд»-и шаҳри Хуҷанд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 31.12.2024 18:51:51 |
| 18 | 426480 | Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд»-и вилояти Суғд | Экран, генератори дизелӣ, лавозимоти барқӣ, тахтаи синфӣ ва маводи хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 31.12.2024 22:44:44 |
| 19 | 426481 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои шаҳри Бохтар» | Мумқири гарм | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.01.2025 08:20:40 |
| 20 | 426482 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Ноутбук ва таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 5 | 01.01.2025 08:25:55 |
| 21 | 426483 | Корхонаи давлатии фаръии «Ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунӣ»-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон | Ниҳоли дарахтон ва гулҳо | Озмуни кушод | Мол | 12 | 01.01.2025 08:30:35 |
| 22 | 426484 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникӣ»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Озуқаворӣ, молҳои канселярӣ, молҳои рӯзгор, хлор, парда ва ковролин | Озмуни кушод | Мол | 42 | 01.01.2025 08:35:35 |
| 23 | 426486 | Маркази саломатии ноҳияи Панҷ | Гармкунак, қуттии зиддисӯхтор, курсӣ ва рахти хоб | Озмуни кушод | Мол | 4 | 01.01.2025 08:45:10 |
| 24 | 426488 | Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия - Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Бохтар ба номи М.В. Ломоносов» | Стенд ва баннер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.01.2025 08:50:25 |
| 25 | 426489 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Ёвон | Молҳои таъиноти маишӣ, таҷҳизоти идоравӣ, тахтаи синфӣ ва мизи компютерӣ | Озмуни кушод | Мол | 9 | 01.01.2025 08:55:35 |
| 26 | 426490 | Шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Таъмири ҳуҷраҳои кории Шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.01.2025 09:10:15 |
| 27 | 426492 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Асбобҳои барқӣ, сантехникӣ, хонагӣ, асбобҳои ошхона, асбобҳои рӯзгор, насосҳо, асбобҳои рӯшноӣ, мебел, тарозу ва халатҳои тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 71 | 01.01.2025 09:45:35 |
| 28 | 426459 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хӯроквӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 01.01.2025 09:50:35 |
| 29 | 426494 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Телевизор ва стабилизатори шиддат | Озмуни кушод | Мол | 2 | 01.01.2025 10:05:37 |
| 30 | 426498 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон | Таъмири ҷории қубури канализатсияи бинои нави Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.01.2025 11:00:00 |
| 31 | 426500 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев | Таъмири бинои хобгоҳи Донишгоҳи давлатии Хоруғ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 01.01.2025 12:00:00 |
| 32 | 426497 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебел, таҷҳизоти офисӣ, дискҳои хотиравӣ, картриҷҳо, таҷҳизоти сетӣ, молҳои варзишӣ, таҷҳизоти ошхона ва асбобҳои ошхона | Озмуни кушод | Мол | 79 | 02.01.2025 10:22:32 |
| 33 | 426502 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Молҳои барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 64 | 02.01.2025 12:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ОБЪЯВЛЕНИЕ О ПРОВЕДЕНИИ ТЕНДЕРА

## ООО МДО «Пайванд Гуруҳ» объявляет открытый тендер по выбору поставщика товара-закупки банкоматов

**Требование по закупке товара:** Банкомат




**БАНКОМАТ NCR 6622 SELFSERV**

| | |
|---|---|
| ВЫСОТА | Фронтальный доступ 60,6”(1538 мм)<br>Задний доступ 59,3”(1,505 мм) |
| ШИРИНА | 19,2” (487mm) |
| ГЛУБИНА | Фронтальный доступ 34,0 ”(865 мм)<br>Задний доступ 37,7”(957 мм) |
| ВЕС | CEN I безопасно 1.118 фунта (507 кг)<br>CEN III безопасный 1,477 фунтов (670 кг)<br>CEN IV сейф 1.544 фунта (700 кг)<br>CEN III GAS EX безопасный 1.510 фунта (685 кг)<br>CEN IV GAS EX сейф 1.609 фунтов (730 КГ) |

**Комплектация:**
SelfServ 6622

**Основные свойства:**
- Защищенная EPP 2 USB;
- LCD 15 дюймовый жидкокристаллический, сенсорный экран с FDK кнопками;
- Картридер моторизированный NCR ICT1Q8-1R0340 USB;
- Считыватель бесконтактных карт по технологии NFC Vivopay Kiosks III;
- Термографический принтер для печати NCR 66xx 01-UDTR387-01 USB;
- Сканер NCR USB.

**Системный блок:**
- Двухядерный процессор и более (с частотой не менее 3.0 GHz);
- Материнская плата Taladega;
- Память (ОЗУ) не менее 2GB DDR3;
- Объем памяти не менее 360 Gb HHD.

**Устройство выдачи:**
- Диспенсер NCR USB (4+1 кассеты);
- Возможность втягивания и отбраковки банкнот;
- Использование различных валют.

**Безопасность:**
- Сейф 1-го класса устойчивости к взлому;
- Защита USB и проверка частей.

**Комплектность и внешний вид:**
- Кассеты диспенсера (4+1) – 2 комплекта.

**Устройство обогрева банкомата:**
- Обогреватель сейфовой зоны NCR LW-HL4-240.

**Условия:**
Оборудования деталей-БУ в хорошем состоянии.

Банкомат должен быть протестирован перед продажей и готов к эксплуатации. Гарантия с момента установки и эксплуатации.

Срок замены оборудования и деталей по гарантии 5 рабочих дней.

**Предмет тендера:** Покупка банкоматов

**Вид тендера:** Открытий тендер

**Место проведения тендера:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. А.Сино, дом 29/2, блок Б,

Заявки и пакет тендерных предложений будут приниматься **до 20 декабря 2024 года, 10⁰⁰ часов.**

**Список требуемых документов, которые должны быть предоставлены в запечатанном конверте с подписью:**

1. Тендерная заявка;
2. Таблица цен;
3. Сведения об участнике тендера;
4. Перечень кредитных и иных организаций, с которыми контрагент заключал тендерные договора;
5. Справка о финансовом состоянии за последний год (если деятельность осуществляется в течение меньшего срока - за весь период деятельности);
6. Копия свидетельства о государственной регистрации юридического лица, либо индивидуального предпринимателя;
7. Выписка из единого государственного реестра;
8. Доверенность на уполномоченное лицо (в случае если договор не подписывается руководителем юридического лица);
9. Копия паспорта физического лица (при подписании договора с индивидуальным предпринимателем);
10. Копия свидетельства о присвоении ИНН;
11. Разрешительные документы (лицензия, сертификат и иные документы).

**Дополнительные требования к пакету документов:**

Все документы должны быть предоставлены в запечатанном и подписанном конверте не позднее **20 декабря 2024 года, до 10⁰⁰ часов** по адресу Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Сино, дом 29/2, блок Б.

Документы представленные позднее даты предоставления, без вскрытия конверта возвращаются претенденту, а участник к тендеру не допускается.

Документы, подаваемые на тендер претендентами – резидентами РТ, составляются на государственном языке Республики Таджикистан.

Нерезиденты Республики Таджикистан могут предоставить все документы в электронном формате, зашифрованным паролем и предоставить пароль от файлов по запросу организации в день вскрытия тендерных пакетов.

**Контактные данные:** +992 981110681.

**Электронная почта:** info@payvand.tj.

# ДАРАК ДИҲЕД!

Суди шаҳри Панҷакент ба шаҳрванд Сангинов Самариддин Зайниевич, санаи таваллудаш - 20 июни соли 1989, ҷои истиқомати охиринаш - деҳаи Шашқат, ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент, ки бедарак ғоиб шудааст, пешниҳод менамояд ба суди шаҳри Панҷакент ҳозир шавад ё дар бораи ҷои зисташ хабар диҳад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Сангинов С.З. маълумоте доранд, хоҳишмандем ба суди шаҳри Панҷакент хабар расонанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома бо шартҳои махсус (РЯМ 0930170414)-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Қаҳоров Обидҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда оид ба бақайдгирии давлатии дараҷаи А №0068972, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Норак 27 ноябри соли 2017 бо суроғаи шаҳри Норак, минтақаи манзилии №2, кӯчаи Рӯдакӣ, бинои 13, хонаи 81, ба Қосимов Қурбоналӣ Тиллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0400502, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Дарвоз соли 2011 ба Зарангези Ризвон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А01694913, ки онро ШВКД дар шаҳри Ҳисор 16 январи соли 2019 ба Ҳафизова Нозанин Илҳомовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи литери 1А1 /хП-и хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 9 августи соли 2021 таҳти феҳрасти №1Ш-1952 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Молодая гвардия, бинои 155, хонаи истиқоматии №2-и таҳти литери 1А1/хп ба Саидова Ситора Ғаниевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи литери 1.1/к хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 23 январи соли 2015 таҳти феҳрасти №1Ш-95037464113 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Молодая гвардия, бинои 155, литери 1.1/к-и хонаи истиқоматии №2 ба Саидова Курбангуль Хасановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии соҳибкори инфиродӣ (РЯМ 3130046242)-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба Ҳаитов Ҳусейн Раҷабмаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 1-уми май, бинои 551/1, хонаи 16, ба Нуралиев Фируз Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 1-уми май, бинои 551/1, хонаи 16, ба Нуралиев Фируз Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 01864785, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2 майи соли 2019 ба Алимардонова Хуршеда Турсуновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2024 ба Гайнулин Нурмаҳмад Ахатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи ҳуқуқ ба имтиёз, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2023 ба Гайнулин Нурмаҳмад Ахатович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи №0001641, ки онро Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тиббӣ Тоҷикистон 16 июни соли 2010 бо ихтисоси «Силшиносӣ» ба Маҳмудова Рухсора Улмасовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми синфи нуҳуми силсилаи А №400261, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Рӯдакӣ соли 1989 ба Гулмуродов Зиядулло Турдикулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи силсилаи Т-ШТУ №0447876 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро гимназияи №74-и шаҳри Душанбе 28 июни соли 2011 ба Мирзоев Шӯҳрат Иркинович додааст, бинобар иваз шудани ному насаб ба Тошев Шарофиддин Иркинович, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи силсилаи Т-ШТА №0341622 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро гимназияи №74-и шаҳри Душанбе 16 июни соли 2009 ба Мирзоев Шӯҳрат Иркинович додааст, бинобар иваз шудани ному насаб ба Тошев Шарофиддин Иркинович, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи ҳуқуқ ба моликият, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2 июли соли 2015 таҳти феҳрасти №5ХМ-17 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Крупская, хонаи 1, бинои ғайриистиқоматӣ, ба Латипов Идибег Маҳмадбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 9, хонаи 29, ба Орзуи Сайвализод додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлии истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 20 апрели соли 2011 таҳти №10785, рақами электронии 44571 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Хонақоҳи кӯҳӣ, деҳаи Арбобӣ ба пойгоҳи варзишии «Алмосӣ» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0392637 дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2017 ба Норкулов Фазлиддин Мансурович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 25 январи соли 2024 ба Шомирсай Саидҷаъфарӣ (РЯМ 0230114785, РМА 025615341) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, маҳаллаи Ховарон - 15, хонаи 36, ба Шоев Ҷаҳонбек Ҳоҷиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи №0369871 оид ба ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ 8 апрели соли 2007 ба сокини деҳаи Зафари ҷамоати деҳоти Испечаки ноҳияи Рӯдакӣ Самиев Мирзораҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 1383664, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2022 ба Фозилов Амирмуҳаммад Ҳусенович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Филиали ШДММ «Омниа-К» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (РЯМ 0420000983, РМА 040065125), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 5 сентябри соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «Сафари Мебел» (РМА 030036955, РЯМ 0310024963), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 8 апрели соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

✓ ҶДММ «Ясминаи Файз» (РЯМ 0410039163, РМА 040061565), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 13 сентябри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи шаҳрвандон ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 16 декабри соли 2024, соати 10:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33035 нусха*

Навбатдори шумора
С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97